«Тасдиқ менамоям»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» профессор
Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло
_______________________
«____» ___________соли 2020

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» дар кафедраи педагогикаи ичтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расонида шудааст.

Диссертатсия дар давоми 3 соли таҳсил дар докторантура(PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва психология ба иҷро расонида шудааст. Соли равон имтиҳони маҷмӯии докторантураро бо баҳои аъло супоридааст.

Ӯзбекова М.А. соли 2004 Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ба номи М. Осимӣ ва соли 2017 магистратураи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро дипломи аъло хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они факултети санъати тасвирӣ ва технология ба сифати роҳбари илмӣ таъин гардидааст.

Вобаста ба натиҷаи муҳокимаи пешакӣ ба диссертатсияи Ӯзбекова М.А. дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» чунин хулосабарорӣ карда шуд:

Аҳамияти мавзӯи диссертатсия дар шароити замони муосир бо муҳимияти ташаккул додани қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос муайян гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ҳарсолаи хеш ба Маҷлиси Олии кишвар ба масъалаи таҳсилот ва касбомӯзии шаҳрвандони ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Хусусияти асосии Паёми Пешвои миллат дарку ҳалли муаммоҳои ҷомеа, пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тавассути рушди илм ва маориф аст. Чуноне, ки ӯ қайд менамояд: "Ояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд".

Диссертатсияи номбурда дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузошташуда бо далелҳо асоснок карда шудааст. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ҷамъият дар ҳамаи давру замон ба одамони фаъолу боистеъдод талабот дошт, бинобар ин ҷидду ҷаҳди доимӣ ба фаҳмидани табиати эҷодиёт, ошкор сохтани қонуниятҳои он, саъю кӯшиши ба вуҷуд овардани назарияи мавзуне, ки раванди мураккаби фаъолияти эҷодии инсонро кушода медиҳад, табиӣ ва мантиқӣ аст. Дар иртибот бо ин нукта зарурати такмили мундариҷа, шаклу методҳои раванди омодасозии касбии мутахассисони донишгоҳҳои олӣ қайд карда мешавад. Алҳол тағйироти мазкур дар самти фаъолгардонии захираҳои дохилии раванди таҳсил ва ошкор сохтани қобилияти эҷодии донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ идома доранд. Омӯзгор натанҳо бояд ба донишҷӯён дарс диҳад, балки дар онҳо қобилият ва талаботро ба эҷодкорӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ бедор намояд. Ҳамчунин ба назар гирифтан лозим аст, ки ташаккули самарабахши қобилияти эҷодии донишҷӯён танҳо дар он маврид ба амал меояд, ки агар омӯзгор худаш аз чунин қобилиятҳо бархурдор бошад ва донишҷӯёнро ба раванди эҷодӣ ворид сохта тавонад.

Дар ин самт самарабахшии омодасозии дизайнерҳои оянда пурра аз ташаккули қобилияти эҷодкорона дигаргун сохтани воқеияти атроф, мустақилият дар ҳалли вазифаҳои амалӣ, тайёр будан ба худтакмилдиҳӣ ва худомӯзӣ тибқи имкониятҳои объективию субъективӣ вобаста аст. Бинобар ин дар марҳилаи муосир вазифаи асосии таҳсилию тарбиявӣ муҳайё кардани шароит барои ташаккули фаъолонаи иқтидори эҷодии шахсият ва амалигардонии он дар раванди фаъолияти таълимӣ ва касбӣ ба шумор меравад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи номбурда ба шиносномаи ихтисоси 6D012000 - Таҳсилоти касбӣ мутобиқат менамояд.

Аз тарафи докторант Ӯзбекова М.А. мустақилона дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогиву методӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додану ҷамъбаст намудани таҷрибаҳои донишгоҳҳои олӣ омода карда шудааст.

Ҳадафи таҳқиқот ин – коркард ва санҷиши озмоишии маҷмӯи шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос. Объекти таҳқиқот раванди ташаккули қобилияти эҷодӣ дар низоми омодагии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар кафедраи технология ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки зарурат ва имконпазир будани ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос асоснок гардид, ки ҷанбаҳоро зеринро фаро мегирад: қобилияти дарки образи бадеӣ, тафаккури фазогӣ ва образнок, хотираи биноӣ, тахайюли эҷодӣ, осонӣ ва вусъати монандкунӣ (ассотсиатсия), муносибати эмотсионалӣ ба фаъолият, сифатҳои сенсомоторӣ, коршоямӣ, мустақилият ва нигоҳи танқидӣ; шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими тарҳрезии либос ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардиданд, аз он ҷумла: мундариҷаи вариативии маводи таълим; шакли инфиродии ташкили фаъолияти таълимӣ; кори донишҷӯй аз рӯйи барномаи шахсии таълим; имконияти интихоби мустақилонаи амсила барои тартиб додани тарҳи маҳсулот; сатҳҳои зоҳир гардидани эҷодкорӣ ва мустақилият дар фаъолияти таълимии донишҷӯён дар устохонаи маҳсулоти дӯзандагӣ зимни тайёркунии маҳсулоти аз ҷониби онҳо интихобшуда муайян гардиданд.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он мебошад, ки ки силсилаи тавсияҳои методӣ барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос коркард шуд; натиҷаҳои таҳқиқот барои омодагӣ ва коркарди маводи таълимӣ-методӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки коркард ва тариқи озмоиш санҷида шудани методикаи таълиме, ки мундариҷаи вариативии фаъолияти таълимии донишҷӯён дар устохонаи дӯзандагӣ, шакли инфиродии ташкили онро дар бар гирифта, ба ташаккули қобилияти донишҷӯён мусоидат менамояд. Се дастури таълимӣ-методии "Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос", "Тарҳрезии либос" ва "Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос", ки аз ҷониби докторант коркард шудааст, мавриди истифодаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти

олӣ дар раванди гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, факултативҳо ва маҳфилҳои “Тарроҳии либос” қарор гирифт.

**Мӯҳтавои асосии диссертатсия дар интишороти зерин дарҷ гардидаанд:**

**I. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда бачопрасида:**

[1-М] Ӯзбекова М.А. Тарбияи зебоипарастии донишҷӯён дар дарсҳои технология // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хусрав №3/1- (52) 2018 С.127-130

[2-М] Ӯзбекова М.А. Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос // “Номаи донишгоҳ” Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, ш. Хуҷанд. №1 (58) 2019

[3-М] Ӯзбекова М.А. Педагогические условия формирования творческих способностей студентов // Вестник таджикского национального университета (научный журнал). Душанбе, №5, 2019, - С.

[4-М] Ӯзбекова М.А. Формирование творческих способностей студентов-дизайнеров как педагогическая проблема // Вестник таджикского национального университета (научный журнал). Душанбе, №5, 2019, - С

[5-М] Ӯзбекова М.А. Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён бо усули “Ҳуҷуми ақлӣ” // “Номаи донишгоҳ” Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, ш. Хуҷанд. №3 (60) 2019.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[6-М] Ӯзбекова М.А. Формирование творческих способностей студентов – будущих дизайнеров // Международный научно- практический журнал “Теория и практика современной науки”, ISSN 2412-9682, Россия, г. Саратов, 2019 г.

[7-М] Ӯзбекова М.А. Методические аспекты формирования творческих способностей студентов специальности дизайн швейных изделий // Международный научно-практический журнал "Мировая наука".№ 2 (23). Россия, г. Саратов, 2019.

**III. Китобҳои дарсӣ, нишондоди методӣ**

[8-М] Ӯзбекова М.А.. Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос / С.А. Турсунов, М.А. Ӯзбекова Нашриёти “Нури маърифат”. ш. Хуҷанд, 2020.- 150с.

[9-М] Ӯзбекова М.А.. Тарҳрезии либос / М.А. Ӯзбекова, М.М. Таирова. Нашриёти “Нури маърифат”. ш. Хуҷанд, 2020.- 185с.

[10-М] Ӯзбекова М.А.. Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос / М.М. Таирова, М.А. Ӯзбекова Нашриёти “Нури маърифат”. ш. Хуҷанд, 2020.- 150с.

**IV. Мақолаҳои илмӣ:**

[11-М] Ӯзбекова М.А. Аҳамияти истифодаи таҷрибаҳои пешқадам дар баланд бардоштани сифати таълим // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ ва технология (Маҷмӯи мақолаҳо). Хуҷанд: "Ношир" 2017.

[12-М] Ӯзбекова М.А. Бозиҳои дидактикӣ чун усули ташаккули эҷодии маҳорати хонандагон // Пайроҳаи илм. Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳи ва эҳёи анъанаҳои миллӣ-Хуҷанд 2018.

[13-М] Ӯзбекова М.А. Нақши шавқ ва қобилият дар ташаккули маҳорати эҷодкории донишҷӯён // Конфронси илмӣ-амалии вилоятӣ дар мавзӯи "Роҳҳо, усулҳо ва методикаи омӯзиши ҳунарҳои миллӣ дар дарсҳои технология ва санъати тасвирӣ" бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли ҷавонон ва 85-солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. Ношир, 2019.

[14-М] Ӯзбекова М.А. Роҳҳои ташаккул додани фаъолияти эҷодии омӯзгорони оянда дар раванди таълим // Маводи конфронси илмӣ-амалии умумидонишгоҳии "Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас". Хуҷанд, 2019

[15-М] Ӯзбекова М.А. Проблема развития творческих способностей студентов при изучении дисциплины "Конструирования одежды" // Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва 70 солагии олими шинохта, муҳаққиқи таърихи санъати тасвирии тоҷик, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Академияи мусаввари Тоҷикистон Салимбой Ҳасанов таҳти унвони "Таълими фанҳо дар муносибати босалоҳият". Хуҷанд, 2019

[16-М] Ӯзбекова М.А. Асосҳои назариявии инкишофи қобилиятҳои эҷодии шахсият дар фаъолияти амалӣ // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ-Хуҷанд, 2019с.

[17-М] Ӯзбекова М.А. Асосҳои равонӣ-педагии инкишофи қобилиятҳои шахсият // Шамъи ирфон. Хуҷанд 2019

[18-М] Ӯзбекова М.А. Факторы профессионально-личностного развития будущего дизайнера швейных изделий в высшем учебном заведении // Шамъи ирфон. Хуҷанд 2019

[19-М] Ӯзбекова М.А. Оид ба муаммои қобилияти эҷодкории донишҷӯён // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он", Хуҷанд. 2019.

[20-М] Ӯзбекова М.А. Мақом ва аҳамияти хунарҳои халқӣ дар ташаккули ҳисси зебопарастии донишҷӯён // Конфронси илмӣ-амалии вилоятӣ дар мавзӯи "Роҳҳо, усулҳо ва методикаи омӯзиши ҳунарҳои миллӣ дар дарсҳои технология ва санъати тасвирӣ" бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли ҷавонон ва

85-солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров 2019.

[21-М] Ӯзбекова М.А. Факторы влияющие на моделирование и конструирование одежды // Конфронси илмӣ- амалии вилояти «Муаммоҳои муосири раванди таълими математика ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ" бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти ҶТ. Хуҷанд, 2019.

**Қарор қабул карда шуд:**

Диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» аз нигоҳи мазмун ва мӯҳтаво муҳим арзёбӣ гардида, ҷавобгӯй ба меъёр ва талаботҳои Низомнома дар бораи тартиби пешниҳоди унвонҳои илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D012000 - Таҳсилоти касбӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедра Элмуродова Садбарг Худойназаровна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шудааст, ки дар ҷаласа 26 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо "тарафдор" 26 нафар, "муқобил" 0 нафар. Суратҷаласаи № 9 аз 27 апрели соли 2020.

Мудири кафедраи педагогикаи
иҷтимоӣ ва касбии МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров",
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Элмуродова С.Х.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1
Тел. (+992)927233378. Почтаи элек.: Sadbarg_68@br.ru вебсайт: www.hgu.tj

Имзои Элмуродова С.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС